**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ахмедов Фарухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. Душанбе, 2021.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба ҳаёт, фаъолияти илмӣ ва махсусан ба саҳми академик А. Мирзоев дар инъикосу омӯзиши таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи аснодҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба корҳои илмии унвонҷӯён ҷавобгӯй буда, он аз дониши амиқ, муфассал ва васеи назариявию амалии муаллифи он дарак медиҳад. Пас аз омӯзиши рисолаи мазкур ба чунин хулоса омадем, ки муаллиф тавонистааст бо истифода аз сарчашма ва адабиёти илмӣ корро оид ба масъалаи сатҳи инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев мустақилона ба анҷом расонда, меъёру талаботи сохтор ва таркиби диссертатсияҳои номзадиро риоя кардааст. Дар диссертатсия масъалаҳои асосии марбут ба предмет ва объекти кор, яъне нақши академик А. Мирзоев дар созмондеҳии илми академии шарқшиносӣ ва саҳми ӯ дар пешрафти илми таърих дар Тоҷикистон таҳлил гардидааст.

Дар маҷмӯъ, дар навишти диссертатсия муаллиф пас аз омӯзиши адабиётҳои илмии соҳавӣ, гузаронидани таҳлилу муқоиса тавонистааст вазифаи дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро намояд.

Мавзӯи мазкур то ҳанӯз дар ҳаҷми диссертатсияи номзадӣ баррасӣ нагардидааст, бинобар ин интихоби онро дуруст ва актуалӣ ҳисобидан мумкин аст.  Аз ин бармеояд, ки навоварии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф исбот менамояд, ки академик А. Мирзоев тавонист мактаби илмии худро таъсис ва ташаккул диҳад, дар рисола ба таври маҷмӯӣ раванди ташаккули дидгоҳҳои таърихии академик А. Мирзоев, нақши ӯ дар таҳлил ва тавзеҳи масоили таърихӣ ва баррасии таърихи фарҳанги халқи тоҷик нишон дода шудааст ва исбот гардидааст,

ки хулосаҳои илмии академик А. Мирзоев роҷеъ ба масоили таърихи асри миёна ва пасини халқи тоҷик ҳанӯз ҳам аҳамияти хешро дар доираҳои илмӣ ҳифз мекунад.

Хулоса, автореферат мазмуни диссертатсияи Ахмедов Фарухзод Ҳасановичро дуруст инъикос менамояд. Муаллиф, оид ба мавзӯи диссертатсионии худ, 6 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақоларо дар дигар нашрия аз чоп баровардааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи **«Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев»** кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, он ба бандҳои 10; 11; 12 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тавсиб расидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Ахмедов Фарухзод Ҳасанович – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Мудири кафедраи таърихи умумии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих,
дотсент** **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

**25 апрели 2021 с.**
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
тел.: + 992 934162099
E-mail: saynakov2012@mail.ru

**Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров Давлатхон Курбонмуродович**